# ТАҚРИЗ

**ба авторефирати рисолаи номзадии Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи «Таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назарияи ва методикаи омӯзишу парвариш (забои ва адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2020, 26 саҳифа.**

Таълими босалоҳияти рӯзгору осори суханварон ва андешаву ақоиди мутафаккирони бузурги миллат дар муассисаҳои таълимӣ аз масоили муҳими методикаи омӯзишу парвариш ба шумор меравад. Воқеан, яке аз мавзӯи муҳимми имрӯзи ҷомеаи Тоҷикистон шинохтани мазҳаби Имоми Аъзам ва шеваи дурусту босамари таълими рӯзгору осор ва андешаҳои ахлоқию педагогии ӯст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ва мақолоти хеш борҳо ба масъалаи омӯзиши мероси адабию динии бузургони миллат, алалхусус Имоми Аъзам таъкид карда, гуфтаанд: “Имрӯз замоне фаро расидааст, ки андешаҳо ва ақоиди каломии ин мутафаккир (*мурод Имоми Аъзам- С.М.М.*)-и бузург мавриди омӯзиш ва баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор гирад. Ин вазифаи шарафмандонаи муҳаққиқони имрӯза ва оянда аст.” Мавзӯи таҳқиқи Саидаҳмадов Мирзоҳомид маҳз ба ҳамин масъала, яъне ба баррасии таълими рӯзгору осор ва андешаҳои педагогии яке аз бузургони олами ислом – Имоми Аъзам бахшида шудааст, ки саривақтӣ ва актуалист.

Мавзӯи интихоб кардаи диссертант дорои арзишҳои баланди методӣ буда, фарогири таҳқиқи ҳаматарафаи рӯзгору осор ва андешаҳои педагогии Абӯҳанифа ибни Собит ва таъйини усули таълими онҳо дар муассисаҳои таълимӣ, алалхусус Донишкадаи исломӣ мебошад. Рисолаи Саидаҳмадов Мирзоҳимид дар омӯзиши мазҳаби ҳанафӣ ва усули таълими ҳаёту эҷодиёти ва андешаҳои педагогии бунёдгузори ин мазҳаб –Имоми Аъзам (р) дорои аҳаммият аст. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми таълими

фанни «Таърихи дин», устодони донишкадаву донишгоҳҳо ҳангоми таълими фанҳои «Таърихи дин»-у «Диншиносӣ» ва алалхусус устодони Донишкадаи исломии Тоҷикистон дар таълими ақоиди педагогии Имоми Аъзам (р) онро метавонанд ба сифати дастури таълимӣ истифода баранд. Натиҷаҳои тадқиқоти мазкурро метавонад дар навиштани китобҳои дарсӣ доир ба таърихи дини ислом, дастурҳои таълимӣ доир ба методикаи таълим, курсҳои назариявӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, инчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълим ва шинохти таълимоти Имоми Аъзам (р) мавриди истифода қарор бигирад. Ҳамчунин, дастовардҳои рисолаи мазкурро метавон дар раванди тарбиявии ахлоқи ҷавонон ва оммаи мардум аз нигоҳи дину мазҳаб дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои мусулмонӣ истифода кард.

Дар баробари дастовардҳо, дар назари мо, фишурдаи рисолаи Саидаҳмадов Мирзоҳомид баъзе камбудҳо дорад, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии баланд мебардорад:

1. Дар фишурдаи рисола истилоҳоти динӣ бидуни шарҳ омадаанд, ки дарки онро барои хонандаи оддӣ мушкил гардонидааст.
2. Дар тарҷумаи фишурдаи рисола ба забони русӣ баъзе истилоҳоти динӣ бе тарҷума омадаанд. Хубтар мебуд, ки моҳияти ин истилоҳот тавзеҳ дода мешуд

Новобаста ба ин камбудҳо, ки ислоҳшавандаанд, фишурдаи рисолаи номзадии Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи «Таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ» як таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба автореферати рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ аст. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аст.

Саидмукаррам Абдулқодирзода
Номзади илмҳои филологӣ
Раиси Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон